## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна ба таҳқиқ ва баррасии рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода бахшида шудааст. Аксари пажуҳандагони адабиёт бар ин назаранд, ки шеъри муосири тоҷик аз охири солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта ба таҳаввулоти амиқе рӯ ба рӯ шуд. Ин дигаргуниҳои чашмрас дар анвои мухталифи шеър, махсусан мазмуну мундариҷаи он бо диду биниши шоирона ва ҷанбаҳои эстетикии суханофаринӣ сурат гирифтааст. Маълум аст, ки навҷӯиву тозапардозӣ яке аз хусусиятҳои ҷомеаи инсонист ва агар ин падида намебуд, дар дунё ҳеҷ пешрафту такомуле ҳам сурат намегирифт. Аҳли ҳунару фарҳанг, махсусан, адибони тоҷик дар тули рӯзгор ҳамвора саъй намудаанд, то тозагие дар сабки кору шеваи офариниши хеш эҷод кунанд.

Шеъри ин давраинаи тоҷик бо шоироне, мисли Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Ҳабибулло Файзулло, Гулназар, Гулрухсор ва Ғоиб Сафарзода ба маҷрои нав ва сарзаминҳои тозаи маънавӣ ворид гардид, ки он дар адабиётшиносии тоҷик бо истилоҳи «шеъри нав» ёд мешавад.

Атрофи навҷӯиҳо ва падидаҳои тозаи шеъри муосири тоҷик таҳқиқоти фаровон анҷом пазируфтаву шебу фарози он мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, унвонҷӯ доир ба таҳқиқу пажуҳиши мероси адабии шоири муосири тоҷик Ғоиб Сафарзода пардохтааст, ки ниҳоят кори хуб дар соҳаи илми адабиётшиносист.

Ҳамзамон, хусусиятҳои ғоявию бадеӣ, ҷанбаҳои зебошинохтии ашъор, сабку услуб ва ҳунари шоирӣ, заминаҳои камолу болandагии Ғоиб Сафарзода ҳамчун шоир ва суханвар, то ҳанӯз ҷиддан мавриди таваҷҷуҳи адабиётшиносон ва баррасии илмӣ қарор нагирифтааст, таълифи пажуҳиши алоҳида ва нишон додани ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти муосири тоҷик, ба суди илми адабиётшиносии тоҷик хоҳад буд.

Мақсади меҳварии таълифи диссертатсияро пажуҳиши масъалаҳои ҳаёт ва эҷодиёти Ғоиб Сафарзода, ҳунари шоирӣ, бадеият, анвои адабӣ, шаклу муҳтавои каломи шоир, нақш ва ҷойгоҳи вай дар ташаккул ва таҳаввули шеъри солҳои 60-70-и садаи XX ва монанди инҳо ташкил кардааст.

Барои расидан ба ҳадафи фавқ ҳалли масоили зерин дар диссертатсия айни муддао дониста шудааст:

– дар асоси маъхазҳои адабӣ, осори таҳқиқӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ ба риштаи таҳқиқ кашидани зиндагинома, мероси адабӣ ва фаъолиятҳои адабии Ғоиб Сафарзода;

– омӯзиш ва баррасии ҳамаҷонибаи муҳтавои осори адабии шоир бо назардошти сунату навҷӯиҳои адабиёти муосири тоҷик, бавижа назми солҳои 60-70-уми садаи XX;

– ба таҳқиқ гирифтани ҳунари шоирии Ғоиб Сафарзода дар асоси меъёрҳои сухансанҷии классикӣ ва муосир;

– мушаххас намудани вижагиҳои забонӣ ва сабкии ашъори шоир дар робита ба тамоюлоти сохторию адабии замони адиб;

Дар диссертатсияи мазкур ҷараёни таҳқиқ аз дастурҳои илмӣ, дастовардҳои илмӣ ва афкори назарии олимону пажуҳишгарони ватанию хориҷӣ, мисли В. М. Жирмунский, И.С. Брагинский, Э. Браун, Я. Рипка, Парвиз Нотили Хонларӣ, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, С. Табаров, М. Шукуров, А. Маниёзов, Х. Асозода, Х.Шарифзода, Баҳром Сирус, Р. Мусулмониён, Ю. Акбаров, Ш. Раҳмонов, У. Тоиров, А. Кӯчаров, А. Маҳмадаминов, М. Хоҷаева, М. Нарзиқул, И. Икромов ва дигарон истифода гардидааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқ дар он ифода ёфтааст, ки нахустин бор ашъори яке аз чеҳраҳои дурахшони шеъри муосири тоҷик Ғоиб Сафарзода мавриди таҳқиқ ва баррасии алоҳида қарор мегирад. Дар рисола ба ҷанбаҳои тозаи ҳунарӣ, муҳтавои эҷодиёт, тозакориҳои адабии шоир таъкид шудааст. Ҳамзамон, мазмуну мундариҷаи мероси адиб, махсусан жанрҳои шеърӣ ва ҷанбаҳои зебошинохтии ашъор, нақши зиндагинома ва таҳлили эҷодиёти ӯ бори нахуст ба таври мушаххасу дақиқ мавриди таҳлилу арзёбии амиқ аз ҷониби диссертант қарор гирифтааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф навишта шуда, дорои мазмуну мундариҷаи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мақсад ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ комилан мувофиқ аст.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 5 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва феҳристи он дар охири автореферат ва рисола оварда шудааст, инъикос ёфтаанд. Мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ ва теъдоди онҳо, ки 13-тоанд, фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия буда, ба талаботи

банди 34-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсияи мавриди назар истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф, ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия, дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ таъйин шудааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода» – таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ, ки дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-69-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст, барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқ ҳастанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ тавсия медиҳад:

- **Қосимзода Солеҳ Салим** - доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович** - номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

3. **Ба сифати муассисаи пешбар**: Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод карда мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Шозиёева Г.П.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Рустамова Г.Р.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, дотсенти
кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Одинаев Н.С.

«18» 12 соли 2023